№	Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»	
1	Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»
2	Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
3	Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад	Шахсони ҳуқуқӣ, ки ба сифати фурушандаи барқ оид ба пур кардани автомашинаҳои барқӣ баромад мекунанд
4	Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	1 июли соли 2025
5	Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар Феҳристи нақшҳаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2025 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Қонун аз 17 март то 16 апрели солди 2025 гузаронида шудааст.
6	Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонуни мазкур таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.
7	Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	Барои таъмини эътимоднокии муътадили интиқоли нерӯи барқ зарур аст, ки васлшавии нуқтаҳои пуркунии нақлиётҳои барқӣ аз ҷониби мақомоти масъули давлатӣ дар соҳаи энергетика ва шаҳрсозӣ танзим карда шавад. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди пурраи инфрасохтори нақлиёти барқӣ як қатор монеаҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд. Яке аз чунин монеаҳои ҳуқуқӣ ин мавҷуд набудани мақомоти давлатӣ

		барои танзими фаъолияти истгоҳҳои барқпуркунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, айни замон, дар робита ба мавҷуд набудани мақоми ваколатдори давлатӣ, истгоҳҳои барқдиҳӣ барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат намекунанд ва дар ҷойҳое насб карда мешаванд, ки сарбории таҷҳизоти барқтақсимкунанда вуҷуд дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарбории таҷҳизоти барқтақсимкунанда боиси маҳдуд гардидани таъмин нерӯи барқ барои аҳолӣ ва иншоотҳои муҳими давлативу иҷтимоӣ мегардад. Илова бар ин, моликони таҷҳизоти барқпуркунанда нерӯи барқро аз ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ” бо арзиши нисбатан харида ба истифодабарандагон дар баъзе ҳолатҳо то қимати 50% мефурушад, ки чунин ҳолат моликони чунин нуқтаҳоро ҳамчун фурушанда эътироф мекунад. Дар моҳи январи соли 2025 фурӯши ҷаҳонии нақлиёти барқӣ ва гибридӣ 1,8 миллион ададро ташкил дод. (17,7% зиёд нисбат ба моҳи январи соли 2024). Фурӯши нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соли 2024 0,7 миллион ададро ташкил дод (11,8 фоиз зиёдтар аз соли 2023). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифодаи нақлиёти барқи рӯ ба афзоиш дошта, истеҳсол ва истифодаи зиёди захираҳои гидронергетикиро тақозо менамояд. Ба замъи ин, иншооти энергетикии кишвар айни замон ба таҷдид ниёз дошта, сарбории гаронро дар иншоот ба миён овардааст, ки боиси рух додани садамаҳои сершумор дар низоми энергетикии кишвар мегардад. Яке аз роҳҳои пешгирии садамаҳо ва пешгирии сарбории иншооти энергетикӣ ин ба танзим даровардан ва дуруст тақсимбандӣ намудани сарбории иншооти энергетикӣ мебошад Дар чунин ҳолат моликони ин нуқтаҳо бояд иҷозатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетикаро дастрас намоянд. Мақомоти давлатӣ бояд иҷозатномаҳоро барои истифодаи истгоҳҳои барқдиҳӣ дар асоси сиёсати амалкунандаи энергетикӣ бо назардошти воқеияти иқтисодӣ ва энергетикии кишвар,

		аз ҷумла сарбории мавҷудаи барқии шабака, стандартҳои истгоҳҳои баркдиҳӣ ва ғайра пешниҳод намояд. Инчунин, мавҷуд набудани стандартҳои ягонаи таҷҳизоти баркпуркунанда, насби чунин таҷҳизот бе мувофиқа бо мақомоти маҳаллӣ ва мақомоти ваколатдор дар соҳаи шаҳрсозӣ ва меъморӣ низ аз мушкилиҳои мавҷуда ба ҳисоб мераванд ва ба раванди татбиқи Барномаи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти сабз монеа эҷод мекунанд.
8	Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи Қонуни мазкур тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2025, №4838 (27-8) таҳия гардидааст. Бояд қайд намуд, ки захираҳои энергетикии кишвар маҳдуд мебошанд ва давлат бояд онро танзим намояд. Бо қабули қарори мазкур, фаъолияти истгоҳҳои баркпуркунии нақлиёти баркӣ ҳамчун фаъолият иҷозатномашаванда муайян карда шуда, бо назардошти воқеияти иқтисодӣ ва энергетикии кишвар, аз ҷумла сарбории мавҷудаи шабакаҳои баркии минтақаи дахлдор иҷозатномаҳо дода мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки банақшагарӣ ва танзими соҳа дуруст ба роҳ монда шуда, боиси кам гардидани талафот мегардад.
9	Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чорабиниҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» барои таъмини амнияти эътимоднокии муътадили интиқоли нерӯи барқ ва васлшавии нуқтаҳои пуркунии нақлиётҳои баркӣ бо дар назардошти вазъи сарбории иншооти энергетикӣ ва шарту талаботи дар соҳаи энергетикаи кишвар мавҷуда, муносибатҳоро ба танзим медарорад. Аҳамияти сарфаи энергия дар ҳама кишварҳо, бахусус дар кишварҳое, ки аз захираҳои энергетикӣ бой нестанд, бинобар афзоиши босуръати саноатӣ ва истеъмолкунандагони барқ навъҳои асосии анъанавии захираҳои энергетикӣ ва тадриҷан кам шудани захираҳои ҷаҳонии онҳо меафзояд. Бӯҳрони энергетикӣ

		дар баробари мушкилоти экологӣ қавитарин ангезаи сарфаи энергия мебошанд. Айни замон, нуқтаҳои пуркунии нақлиёти барқӣ бе ба инобат гирифтани сарбории иншооти энергетикии ин ё он минтақа дар ҳар гушаю канор васл гардида истодаанд. Қабули Қонуни мазкур ҳеҷ гуна монеагию уҳдадориҳои иловагӣ ва маҳдудиятҳоро барои субъектҳои соҳибкорӣ ба вуҷуд намеорад, балки васлкунии нуқтаҳои пуркунии нақлиёти барқиро дар минтақаҳое, ки иншооти энергетикӣ ҷойгир шудаанд ва тавоноии васлшавии ин нуқтаҳоро доранд, ба танзим дароварда, амнияти энергетиро дар минтақаҳо ба танзим медарорад. Тибқи лоиҳаи мазкур шахсони ҳуқуқӣ барои васл намудани нуқтаҳои пуркунии нақлиёти барқӣ иҷзатнома мегиранд.
10	Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Фаҳмондадиҳии муқарраророти асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд, аммо натиҷа надод. Бо даназардошти натиҷа надодан масъалаи мазкур тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гуруҳи корӣ байниидоравӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби намояндагони масъули вазорату идораҳо, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, қарор қабул гардид, ки бо мақсади танзими ва рушди нақлиёти барқӣ, нуқтаҳои пуркунии нақлиёти барқӣ ва сарфакорона истифода намудани неруи барқ, самти мазкур танзим карда шавад.
11	Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	Лоиҳаи мазкур маблағгузориро аз буҷети давлатӣ тақозо накарда, ягон оқибати манфии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, гендерӣ, экологӣ ва коррупсиониро ба бор намеорад. Лоиҳаи мазкур ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифт надошта, оқибатҳои манфии иҷтимоию иқтисодӣ надорад. Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур: •дар доираи қонунгузорӣ ба танзим даровардани кори муътадили шабакаҳо ва иншооти энергетикӣ; •танзими фаъолияти истгоҳҳои барқпуркунӣ; •боз ҳам шаффоф гардидани татбиқи сиёсати энергетикӣ;

		•фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ барои истифодаи самараноки васеи шабакаҳо ва иншооти энергетикӣ; •мустаҳкамгардии муносибатҳо оид ба истифодаи самараноки васеи шабакаҳо ва иншооти энергетикӣ;; •ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони нерӯи барқ. Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур: • баланд бардоштани амнияти энергетикии мамлакат; • сарфаҷӯи ва самаранокии энергияи барқӣ; • кам гардидани сарбории иншооти энергетикӣ; • бартараф намудани маҳдудияти таъмин нерӯи барқ барои аҳолӣ; • бартараф намудани садамаҳои сершумор дар низоми энергетикӣ.
12	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарияти ҷамъоварии он	Дар сурати қабули Қонуни мазкур захираҳои энергетикии кишвар сарфакорона истифода карда шуда, амният ва кори боэътимоди иншооти энергетикӣ таъмин карда мешавад.
13	Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	1 августи соли 2025

Муовини Вазир Сафарзода М.